«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

Хушвахтзода Қ.Х. ______________

«20» ______________с. 2020

**Хулосаи**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Рисолаи илмӣ дар мавзӯи «Инкишофи консепсияи рушди босубот дар соҳаи истифодабарии захираҳои обии минтақа (дар мисоли минтақаи ҷанубу шарқи Тоҷикистон)», дар кафедраи назарияи иктисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

Дар давраи омода намудани диссертатсия Маҳмудов Баҳриддин Нуриддинович ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи назарияи иктисодии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият кардааст.

Маҳмудов Баҳриддин Нуриддинович солҳои 2003-2008 факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси маркетинг хатм кардааст.

Номбурда аз соли 1986 инҷониб дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар кору фаъолият намудааст. Аз моҳи ноябри соли 2007 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳайси мудири кабинети кафедраи маркетинг ба кор шурӯъ намуда баъдан, омӯзгори ҳамин кафедра, соли 2009 ҷонишини декани факултети иқтисодӣ оид ба таълим, соли 2011 эдвайзери факултети иқтисодӣ, солҳои 2012 то 2014 ба сифати муаллими калони кафедраи маркетинг фаъолият намудааст. Аз соли 2014 то моҳи феврали соли 2020 ба ҳайси ассистенти кафедраи назарияи иктисодии факултети молиявию иқтисодӣ фаъолият намудааст. Аз моҳи феврали соли 2020 то ба имрӯз нобурда ба ҳайси муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодӣ дар факултети молиявию қтисодӣ кору фаъолият намуда истодааст.

Ба Маҳмудов Б.Н. шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни забони англисӣ, 02.07.2019 ва аз фанни таърих ва фалсафаи илм, 19.12.2019 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ Исайнов Ҳисайн Раҳимович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Мавзӯи диссертатсионии Маҳмудов Баҳриддин Нриддинович дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (№ 6 аз 30.01.2017) тасдиқ карда шудааст.

**1. Баҳодиҳии мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ**.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб ба қатори кишварҳоест, ки аз захираҳои обӣ бой мебошанд. Аммо мутаассифона бар асари риоя нагардидани қоидаҳои мавҷудаи идоракунӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ, танзим нагардидани раванди мутобиқшавии субъектҳои алоҳидаи хоҷагидор ба истифодаи пулакии захираҳои обӣ, самаранок амалӣ нагардидани чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба истифодаи об дар минтақаҳо ва мавҷудияти мувозинати нобаробари таъмини об дар минтақаҳо, хусусан дар минтақаҳои ба хоҷагии деҳқонӣ шуғлдошта, ҳанӯз ҳам мушкилоти истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ боқӣ мондааст. Маълум аст, ки соҳаи хоҷагии қишлоқ истифодабарандаи асосии захираҳои обӣ ба ҳисоб рафта, ҳамзамон маҳсулоти ниҳоии он бехатарии озуқаворӣ ва суботи иқтисодию иҷтимоии давлатро муайян мекунад. Солҳои охир, маҳз бар асари истифодаи ғайрисамараноки захираҳои обӣ, дараҷаи ҳосилнокии заминҳои корам бошиддат коҳиш ёфтааст. Ин ҳолат махсусан дар заминҳои кишти пахта, чуворимакка, сабзавот ва полезӣ ба таври аён ба чашм мерасад. Ҳолати ба миён омада харчӣ зудтар дар амал татбиқ намудани принсипҳои асосии танзим ва идоракуниро дар низоми истифодабарии захираҳои обӣ таъкид менамояд.

Дар раванди коркарди принсипҳои истифодабарии захираҳои обӣ дар асоси консепсияи рушди босубот ва пешниҳоди самтҳои афзалиятноки коҳиши таъсири манфии амалиётҳои марбут ба истифодаи об бояд хусусиятҳои хоси манотиқи мухталифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта шавад. Илова ба ин хусусияти зерсохтории низоми истифодаи об, дараҷаи обталабии заминҳои хоҷагии қишлоқ, потенсиали гидроэнергетикии рӯдхонаҳои минтақа, имконияти ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва амсоли он низ бояд ба назар гирифта шавад.

**2. Саҳми мушаххаси уновонҷӯй ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия матраҳ гардидаанд.**

Саҳми муаллиф ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои кори мазкур дар омӯзиши асосҳои назариявию усулии инкишофи консепсияи рушди босубот дар соҳаи истифодабарии захираҳои обии минтақа ва пешниҳоди маҷмӯи чорабиниҳо ва тавсияҳо ҷиҳати такмилдиҳии

консепсияи рушди босубот дар соҳаи истифодабарии захираҳои обии минтақа ифода мешавад. Мақсади гузошташуда ҳаллу фасли маҷмӯи вазифаҳои зеринро дар бар гирифтааст: таҳқиқи вижагиҳо ва муайн намудани афзалиятҳои инкишофи консепсияи рушди босубот дар соҳаи истифодабарии захираҳои обӣ; таҳқиқи ҷанбаҳои имлию методологии захираҳои обӣ ба унвонии муҳимтарин захираҳои иқтисодӣ, ки бевосита дар истеҳсоли дигар намуди неъматҳои моддӣ нақши калидӣ дорад; омӯзиш, муайнсозӣ ва асоснок намудани қонуниятҳои асосӣ, фишангҳои иқтисодӣ ва маъмурии идоракунӣ, танзим ва назорати истифодаи мақсадноки захираҳои обӣ зери талаботҳои рушди босубот; таҳлили вазъи кунунии захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баҳогузории имкониятҳои нигоҳдории авзалиятҳои иқтисодӣ аз ҳисоби захираҳои обӣ дар сохтори иқтисодиёти минтақа; таҳлил ва баҳогузории дараҷаи таъсири омилҳои ба истифодаи оқилонаи захираҳои обии минтақаҳои ҷумҳурӣ таъсиррасон. Инчунин муайян намудани мушкилоти алоқаманд бо об дар митақаи ҷануби шарқии ҷумҳурӣ; муайянкунии самтҳо ва роҳҳои асосии такмили механизми идоракунии истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои обӣ дар минтақаи ҷануби шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистон; коркарди тавсияҳои мушаххас роҷеъ ба фаъолгардонии сармоягузории нигоҳдорӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ дар минтақаи ҷануби шарқии ҷумҳурӣ; коркарди чорабиниҳо ва самтҳои афзалятноки идоракунии истифодаи захираҳои обӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва таъмини рушди босуботи захираҳои обии ҷумҳурӣ.

Маҳмудов Бахриддин Нуриддинович то оғози таҳқиқотҳо барнома ва методикаи таҳқиқотро таҳия намуда, дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодии факултети молиявию иқтисодӣ, Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ баррасӣ ва тасдиқ кардааст.

3. **Навоварии таҳқиқоти мазкур.** Навгонии тадқиқоти илмӣ бо таҳқиқу асосноккунии ҷанбаҳои назариявию методологии ташаккул ва инкишофи рушди устувори захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаи ҷануби шарқии ҷумҳурӣ бахшида шуда, ҷиҳати натиҷагирӣ аз ин як қатор хулоса ва пешниҳодҳои аҳамияти илмию амалидоштаи такмил ва ташаккули роҳу воситаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ, коркард ва пешниҳод карда шудааст.

Ба сифати муҳимтарин унсурҳои навгонии илмии рисолаи мазкур инҳо баромад мекунанд:

- ҷанбаҳои илмию назариявии хусусуятҳои рушди босубот чун консепсияи ҳамаҷониба ташаккулёфтаи истифодаи бехатари тамоми захираҳои ҳаётан муҳим аз ҷумла захираҳои обӣ асоснок карда шудааст. Инчунин ба таври назариявӣ ташаккул, рушд ва такмили раванди истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ дар соҳаҳои муҳими хоҷагидории ҷумҳурӣ аз равзанаи рушди босубот мавриди таҳқиқу таҳлили амиқ ва хулосабарорӣ қарор дода шуда, аз ҷумла муайян карда шуд, ки риояи тавсия ва принсипҳои консепсияи рушди босубот истифодаи аз нигоҳи стратегӣ самараноки захираҳои обиро дар ҳамаи соҳаҳои муҳим имкон медиҳад.

- зери имкониятҳои илмию методологӣ, захираҳои обӣ ба унвонии муҳимтарин захираҳои иқтисодӣ асоснок карда шуда, ҳамзамон муҳимияти стратегии таъмини рушди босуботи захираҳои обӣ дар истеҳсол ва таъмини бо мақсад мувофиқи дигар намуди неъматҳои моддӣ, ки имкони таъмини рушди босуботи иқтисодиро дар маҷмуъ таъмин карда метавонад мушаххас карда шудааст;

- қонуниятҳои (принсипҳои) асосии истифодаи оқилона ва идоракунии тарҳи стратегии тақсим ва нигоҳдории захираҳои обӣ асоснок карда шуда, бартарияти асосӣ аз рӯи талаботҳои консепсияи рушди босубот ба фишангҳои танзим ва идоракунии иқтисодию экологӣ бахшида шудааст;

- дар такя ба истифодаи таҳлили қиёсии вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва ҷуғрофии минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳолати кунинии захираҳои обӣ ва мушкилоти истифодаи оқилонаи он баҳогузорӣ карда шуда, тамоюли рушд ва тақсимоти одилонаи он вобаста ба тақозои рушди босуботи минтақаҳои алоҳида нишон дода шудааст;

- зарурати ташкили танзим ва идоракунии давлатии истифодаи сарфакоронаи захираҳои обӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои истифодабарандаи ҳаҷми зиёди захираҳои обӣ асоснок карда шудааст;

- ҷиҳати инкишофи рушди босуботи истифодаи захираҳои обӣ мавқеи ташкил ва татбиқи чорабиниҳои иттилоотию иртиботӣ бо тамоми истифодабарандагони захираҳои обӣ муҳим нишон дода шуда, вобаста ба ин як қатор тавсияҳо коркард шудааст.

- самтҳо ва роҳҳои такмили механизми танзими давлатии истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар бахши кишоварзии ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта баррасӣ шуданд, аз ҷумла такмили механизми истифодаи пулакии захираҳои обӣ ва молиякунонии сармоягузориҳои рушди босуботи истифодабарии об, танзими амалишавии чорабиниҳо ва унсурҳои низоми хоҷагидорӣ дар соҳаи об ҳамчун самтҳои калидии такмили механизми мазкур муайян карда шуданд.

**4. Ҷанбаҳои илмию назариявии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дар робита ба амалияи натиҷагириҳо аз тадқиқоти анҷомдодашуда лозим ба ёдоварист, ки тавсияҳои илмию амалӣ, ки дар асоси натиҷаҳои таҳқиқи рисола ба даст омадаанд ба такмили механизми танзими раванди истифодаи оқилона, ҳифз ва беҳдошти вазъи экологии захираҳои обӣ ва таъмини рушди босуботи захираҳои обӣ дар шароити ҷумҳурӣ ва минтақа бо таваҷҷӯҳ ба таъмини иникофи рушди босубот равона гардидаанд.

Маводи таҳқиқи рисолаи илмӣ ва нашрияҳои муаллифро зимни хондани курсҳо аз рӯи фанҳои "Иқтисоди истифодабарии сарватҳои табиӣ", "Иқтисодиёти кишоварзӣ", "Рушди босуботи иқтисодиёти КАС" ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

**5.Дар амал татбиқ намудани натиҷаҳои таҳқиқот.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои рисолаи мазкур дар конфронси байналмилалии илмию амалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия, Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин дар мизҳои мудаввар, ки аз ҷониби Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи заминсозӣ ва геодезии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудаанд, дар шакли маърӯзаю мақолаҳо баён ва нашр шуданд.

Муқаррароти алоҳидаи диссертатсия аз ҷониби Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни таҳияи "Рушди ичтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015", Кумитаи заминсозӣ ва геодезии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни таҳияи "Консепсияи истифодаи замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2015-2020" истифода шудаанд. Муқаррароти асосии диссертатсия зимни таҳияи барномаи рушди устувори кишоварзӣ, ки дар "Тоҷик НИИГМ" анҷом ёфт, истифода шудаанд.

Муқаррароти асосии рисола мавриди муҳокима қарор доштанд ва дар тезисҳои маърӯзаҳои конфаронсҳои илмӣ дарҷ шудаанд.

Дар мавзӯи рисола 15 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми умумии 6,25 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла, 3 ададаш дар маҷаллаҳои илмие, ки шомили феҳристи Комиссия олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастанд, ба чоп расидаанд.

**А) Рӯйхати корҳои нашршуда вобаста ба мавзӯи диссертатсия:**

Мақолаҳои нашршуда дар нашрияҳое, ки ба феҳристи маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд:

**1.**Захираҳои обӣ барои рушди устувор:ҷанбаҳои назариявӣ//Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иқтисодӣ. -Душанбе: «Сино»-2019. -2/19(193), саҳ.104 -106;

**2.**Тақсимоти оқилонаи захираҳои обӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ/Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, №3-4(68).- 2019. –саҳ 88-93;

**3.**Идоракунии истифодабарии захираҳои обӣ –шарти муҳими рушди устувори хоҷагии қишлоқ"/Маҷаллаи назариявӣ ва илмӣ-амалии "Кишоварз" Донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур № 4(85) 2019.саҳ195-198.

**Б) Мақолаҳои дар дигар маҷаллаҳо ба табъ расида:**

1.Бӯҳрони иқтисодии молиявӣ,мушкилоти глобалии инсоният/ Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А Рӯдакӣ. № 1(5) 2011.саҳ 60-63.

2.Базаи ашёи хоми минералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имкониятҳои рушди ояндаи он"Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А Рӯдакӣ.№1-2 (8-9) 2013.саҳ 260-264.

3. Нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар рушди иқтисодӣ миллӣ"/Нақш ва аҳамияти сармоягузорӣ дар рушди иқтисодӣ миллӣ. Маводи конференсияи илмию назариявӣ дар ДДК ба номи А Рӯдакӣ 27-28.05.2016. саҳ 430 - 434.

4.Топливно –энергетический комплекс Республики Таджикистан как фактор развития экономики//Международный научный журнал "Молодой учёный" №18(122) сентябр 2016.саҳ 211-216.

5. Сарфакорӣ масъулияти бузург/Ҷавонон ва масоили рушди молиявии ҷомеа"/Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- назариявӣ ш Кӯлоб 19.05.2017.саҳ 104-106.

6.Концепция перехода Республики Таджикистан к устойчивому человеческому развитию"/Нақши Ваҳдати миллӣ дар рушди иқтисодӣ Тоҷикистон" Маводи конференсияи илмӣ- назариявии Ҷумҳуриявӣ 24.06.2017 ш Кӯлоб.саҳ 68-76.

7. Заминаҳои рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/Тоҷикистон- кишвари беназири сайёҳӣ ва макони ҳунарҳои мардумӣ.Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ш Кӯлоб 11.04.2018.саҳ 80-85.

8. Рогунская ГЭС: мировой рекорд и светлое будущее народа Таджикистана//Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон./ "Кохи афсарон" Душанбе 14.11.2018.

9.Региональные тенденции развития процесса трудовой миграции на нынешнем рынке труда/Муаммоҳои рушди босуботи иқтисодию иҷтимоӣ дар шароити Ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои миллӣ ва минтақавӣ. Маводи конверенсияи илмӣ-назариявии Ҷумҳуриявӣ. Душанбе 27-28.11.2018.саҳ 389-391.

10.Рушди босубот ва давраҳои асосии ташаккулёбии он/Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ.Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи

“Инноватсия – омили самарабахши алоқаи илм ва истеҳсолот”.- Душанбе, 2019. –Саҳ.327-331.

11.Мушкилоти системаи обрасонию обпартои ҳамчун монеа барои рушди босубот. /Конференсияи байналмилии илмию амалӣ дар мавзӯи “Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт”, 27.02.20.- Душанбе,2020.-Саҳ.411-414.

12.Захираҳои обӣ омили рушди босубот./Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии “Полиграфия :ҳолат ва рушди дурнамои он”,13.03.20.- Душанбе,2020.-Саҳ.257-260.

Мавзӯъ ва мазмуни рисолаи илмии Маҳмудов Баҳриддин Нуриддинович, дар мавзӯи «Инкишофи консепсияи рушди босубот дар соҳаи истифодабарии захираҳои обии минтақа (дар мисоли минтақаи ҷанубу шарқии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05–Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: (иқтисодиёти истифодабарии табиат)ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвони илмӣ дода мешавад ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№1/3, аз 27.04.2017) тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Дар ҷаласаи кафедраҳои иқтисод ва идораи КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (№ 1, аз 20.08.2020) иштирок намуданд: – 10 нафар. Барои муҳокимаи расмӣ овоз доданд: тарафдор – 10; зид – нест; бетараф – нест.

Раис: н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисод ва идораи КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тағоев Ҷ.Ҳ.

Котиб: ассистенти кафедраи иқтисод ва идораи КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бахтиёри И.М.

**Имзои н.и.и., дотсент Тағоев Ҷ.Ҳ. ва ассистент Бахтиёри И.М - ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.**